Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «_29_»__06__ соли 2016, №__9/41__
тасдиқ карда шудааст.

**Низомномаи намунавии**
**шуъба (бахш)-и омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи намунавии мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти шуъба (бахш)-и омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

1.2. Воҳиди сохторӣ оид ба омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ – педагогӣ дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шуъба ё бахши раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсия таъсис дода мешавад. Воҳиди сохтории мазкур дар фаъолияти худ раванди ташкил ва ҳамоҳангсозии корҳоро оид ба омодакунии кадрҳои илмӣ-педагогии дараҷаи олӣ – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, дотсент ва профессор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мемонад.

1.3. Шуъба (бахш)-и омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ (минбаъд: шуъба (бахш)) фаъолияти худро дар сохтори раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳои ректори муассиса, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм ба роҳ мемонад.

1.4. Низомномаи мазкур фаъолияти шуъба (бахш)-ро танзим намуда, мақсад, вазифа ва ҳуқуқҳои онро муайян менамояд.

1.5. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Шуъба (бахш) дар сохтори раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо қарори Шӯрои олимон ва фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сурат мегирад.

1.6. Талаботҳои тахассусӣ, ҳуқуқ ва масъулияти кормандони шуъба (бахш)-ро дастури вазифавии аз ҷониби сардори воҳиди сохтории мазкур таҳиянамуда, ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ шудааст, ба танзим медарорад.

## II. Мақсад ва вазифаҳои шуъба (бахш)

2.1. Мақсади асосии шуъба (бахш) ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи олӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи талаботҳои амалкунанда мебошад. Иловатан ба мақсадҳои зикршуда, шуъба (бахш) масъалаҳои зеринро ҳал мекунад:

2.1.1. Коркард ва таъмини фаъолияти ташкилӣ-методӣ ва меъёрии ҳуқуқии зерсохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба масъалаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи олӣ дар низоми баъдидипломии таҳсилоти касбӣ;

2.1.2. Банқшагирӣ ва ташкили омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ;

2.1.3. Таъминоти ташкилӣ-методӣ ва иттилоотии омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ;

2.1.4. Ҳамоҳангсозии таълимӣ-илмии омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва назорат аз болои иҷрои нақшаҳои инфиродии омодакунии онҳо;

2.1.5. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шӯроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ.

## III. Вазифаҳои шуъба (бахш)

3.1. Кормандони Шуъба (бахш) вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

3.1.1. Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи олӣ;

3.1.2. Бо сохторҳои зертобеъ мувофиқа намудани лоиҳа ва пешниҳодҳо оид ба рақамҳои санҷишии қабули шаҳрвандон ба магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантура;

3.1.3. Ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо дар ташкили раванди таълим дар докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура);

3.1.4. Ташкил ва ба роҳ мондани қабул ба магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура), назорати иҷрои нақшаҳои фардии докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо) ва унвонҷӯён;

3.1.5.Таъмини ташкили хизматрасониҳои таълимии пулакӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

3.1.6. Мониторинг ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва илмии дараҷаи тахассусашон олӣ;

3.1.7. Гузаронидани ҷаласа, конференсия, мизи мудаввар ва дигар шаклҳои муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳои мубрами рушди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

3.1.8. Гузаронидани машваратҳо ва таҳияи тавсияҳо доир ба рушди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

3.1.9. Таъминоти иттилоотии раванди тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

3.1.10. Ба расмият даровардан ва назорат аз болои коргузории парвандаҳои шахсии докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо), докторантон ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ;

3.1.11. Ташкил ва назорати гузаронидани аттестатсияи докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо), докторантон ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ;

3.1.12. Ташкили коргузорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисобот (тайёр кардани ҳисоботи омории шаклашон муайяншуда, ҳисоботи солона ва бастаи маводҳои иттилоотӣ дар бораи фаъолияти шуъба (бахш) ва ғайра);

3.1.13.Таҳияи маълумотномаҳое, ки мақоми докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо), докторантҳо ва унвонҷӯён, инчунин шаҳодатномаи супурдани имтиҳонҳои ҳадди ақаллро тасдиқ менамоянд;

3.1.14.Таҳияи шартномаҳо оид ба омодакунии докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо), докторантҳо ва унвонҷӯён, ки ба таври ғайрибуҷавӣ қабул шудаанд;

3.1.15.Баргузории чорабиниҳо оид ба такмили ҷараёни омодасозии докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо), докторантҳо ва унвонҷӯён дар якҷоягӣ бо Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

## 1У.Ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии шуъба (бахш)

4.1. Кормандони шуъба (бахш) дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ чунин ҳуқуқҳо доранд:

4.1.1. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар амалӣ намудани сифати татбиқи барномаҳои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии баландихтисос иштирок намоянд;

4.1.2. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташудаи шуъба (бахш) аз сохторҳои зертобеи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маводҳо, иттилоот талаб намоянд;

4.1.3. Тибқи тартиботи муқарраргардида мутахассисони сохторҳои зертобеи муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба тайёр намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, маълумотномавӣ ва маводҳои дигар бо супориши роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷалб намоянд;

4.1.4. Тибқи тартиботи муқаррашуда ба захираҳои иттилоотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дастрасӣ дошта бошанд;

4.1.5. Иҷрои супоришҳои дигарро, ки ба салоҳияти шуъба дохил аст, ба анҷом расонанд.

4.2. Кормандони шӯъба Шуъба (бахш) барои иҷрои вазифаҳои зерин масъуланд:

4.2.1. Босифат ва саривақт иҷро намудани супоришу вазифаҳое, ки дар асоси Низомномаи мазкур ба уҳдаи шуъба (бахш) гузошта шудааст;

4.2.2. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, ҳифзи меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

4.2.3. Ҳуқуқ ва масъулияти кормандони шуъба (бахш) бо дастурҳои хизматӣ муқаррар карда мешавад.

4.3. Кормандони шуъба (бахш) барои иҷрои вазифаҳои зерин уҳдадоранд:

4.3.1. Саривақт ва босифат иҷро намудани уҳдадориҳо мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва талаботе, ки дастури хидматӣ пешбинӣ намудааст;

4.3.2. Тибқи талаботи муқарраргардида махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатнигории шуъба (бахш) мавҷуд аст;

4.3.3. Риояи қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

## V. Идоракунӣ ва сохтори шуъба (бахш)

5.1. Роҳбарии бевоситаи шуъба (бахш)-ро мудир ба уҳда дорад, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои илмӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.

5.1.1. Мудири шуъба (бахш) вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

5.1.2. Таъмин намудани корҳои ташкилии шуъба (бахш), иҷрои вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-маъмурии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намудааст;

5.1.3. Назорат намудани риояи қоидаҳои тартиботи дохилии шуъба (бахш), ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

5.2. Мудири шуъба (бахш) барои амалҳои зерин ҳуқуқ дорад:

5.2.1. Иштирок дар ҷаласаҳои машваратии амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолати баррасӣ намудани масъалаҳое, ки бо муқаррароти Низомномаи мазкур ба салоҳияти шуъба (бахш) тааллуқ доранд;

5.2.2. Доир намудани ҷаласаҳои машваратии мутахассисони шуъба (бахш);

5.2.3. Манзур намудани таклифу пешниҳодҳо доир ба тағйир додани сохтор ва воҳидҳои кории шуъба (бахш);

5.2.4. Иштирок дар раванди тартиботи муқарраргардидаи интихоб, қабул, интиқол ва аз вазифа озод намудани кормандони шуъба (бахш) дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба корҳои илмӣ;

5.2.5. Мувофиқакунонӣ ва имзо гузоштан ба лоиҳаи ҳуҷҷатҳо аз номи шуъба (бахш).

5.3. Мудири шуъба (бахш) барои вазифаҳои зерин масъул аст:

5.3.1. Ба талабот мувофиқ будани таҳия ва ба амал овардани чорабиниҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси фаъолияти шуъба (бахш) дар доираи вазифа ва уҳдадориҳои ба он вобастабуда равона шудааст;

5.3.2. Пурра, босифат ва саривақт иҷро намудани фармоишу дастурҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба вазифаву уҳдадориҳои асосии шуъба (бахш) вобаста шудааст;

5.3.3. Пурра, саривақт ва тибқи талабот пешниҳод намудани ахборот;

5.3.4. Мувофиқати тартиботи кории шуъба (бахш), ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тартиботи кории сатҳи нисбатан болотар ба анҷом мерасонад;

5.3.5. Ташкили оқилонаи меҳнат, ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи кормандони шуъба (бахш) мувофиқи тахассус ва дараҷаи кордонии онҳо.

## VI. Арзёбии фаъолияти шуъба (бахш)

6.1. Арзёбии фаъолияти шуъба (бахш) дар асоси нишондиҳандаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

6.1.1. Пурра, саривақт ва босифат амалӣ намудани вазифа ва уҳдадориҳои асосии ба шуъба (бахш) вобасташуда ва ҳуқуқҳои ба он додашуда;

6.1.2. Истифодаи самараноки талаботи қонунгузории амалкунанда ва талаботҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии меъёрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намудаанд ва шуъба (бахш) дар фаъолияти худ тибқи онҳо амал мекунад.

## VII. Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъба (бахш)-и омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ

7.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъба (бахш)-и омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.